# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6DКАО-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика пешниҳод шудааст.

Аз 31 марти соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» ба омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии тасвири шахсият, корнома ва хидматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар публитсистикаи китобии тоҷик бахшида шудааст.

Дар диссертатсияи Охунзода Насруддин масъалаҳои тавсифи обзории осори публитсистӣ доир ба Пешвои миллат, заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон дар муҳити иҷтимоиву сиёсӣ, сатҳ ва доманаи тасвири симои шахсияти таърихӣ дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ, нақши Пешвои миллат дар истиқрори сулҳу ваҳдат ва таҳкими истиқлолияти миллӣ, таносуби воқеият ва бадеият дар тасвири Пешвои миллат, имконоти жанрҳои публитсистӣ ва ҳунари муаллифон дар офаридани симои шахсияти таърихӣ, таносуби воқеияти иҷтимоӣ ва нақши аносири ҳунарӣ дар тасвири образи инсони воқеӣ ва амсоли ин мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Пажӯҳиши ин мавзӯъ дар илми публитсистикашиносии тоҷик, ки аз масъалаҳои камомӯхташуда маҳсуб меёбад, аз аҳамияти назариву амалии диссертатсия дарак медиҳад.

Навгонии илмии рисолаи илмӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори аввал тасвири шахсият ва симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик мавриди пажӯҳиши фарогири диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Мавзӯи мазкур ба омӯзиши симои шахси бунёдкор ва сиёсатмадори варзида дар осори публитсистӣ мушаххас шуда, дар он, аз як тараф, вижагиҳои чунин осор, аз сӯйи дигар, нақши публитсистика дар ташаккули шахсияти таърихӣ муайян гардида, махсусиятҳои маърифатӣ ва ҳунарии муаллифони ҷудогона нишон дода шудааст. Дар баробари ин, диссертант дар ҷараёни пажӯҳиши мавзӯъ ба масъалаҳои назарӣ ва

амалии публитсистика, қобилият ва маҳорати корбасти имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси предмети омӯзиш эътибор додааст.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ аз методҳои таҳлили мундариҷавӣ, сифативу миқдорӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳқиқи тарҷумаиҳолӣ истифода кардааст. Пажӯҳишгар дар рафти таҳқиқи мавзӯъ ба усули илмӣ ва осори назарии донишмандони хориҷиву ватанӣ ба мисли М. С. Черепахов, А. Аграновский, В. М. Горохов, Е. Журбина, В. Учёнова, Е. П. Прохоров, А. А. Тертичный, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, М. Абдуллозода, А. Азимов, М. Муродов, Н. Салихов, Ҷ. Садуллоев, М. Муқимов, Ш. Муллоев ва дигарон такя намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, дар се боб ва шаш фасл тасниф шуда, дар умум иҷро шудааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Он барои таҳқиқи масоили публитсистикашиносӣ, адабиётшиносӣ ва таърих судманд аст. Ин таҳқиқот метавонад ҷанбаҳои назарӣ ва таърихии публитсистикашиносиро пурра гардонида, дар корҳои илмии минбаъда доир ба масъалаи мазкур ба ҳайси адабиёти илмӣ мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсияро барои таълими фанҳои тахассусии журналистӣ чун таърихи журналистикаи тоҷик, таърихи адабиёти тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, курсҳои махсус, дарсҳои интихобӣ ва таълифи китобҳои дарсию дастуру васоити таълимӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон истифода бурд.

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Охунзода Насруддин «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (16 адад), ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Охунзода Насруддин «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик», ки ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия карда мешавад:

**Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, сардори маркази таҳлилӣ-иттилотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия карда мешавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Абдуллозода М. А.

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Садуллоев Ҷ. М.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Азимов А. Х.